# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

пешкаш мекунад

# Аввалин Иди Писхо



Муаллиф: Edward Hughes
Рассом: Janie Forest; Alastair Paterson
Адаптатсиякунанда: Lyn Doerksen
Тарҷумон: Christian Lingua
Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

BFC
PO Box 3
Winnipeg, MB R3C 2G1
Canada

©2021 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Як зан назди теппае меистод, ки серодаму пурғавғо буд. Чашмони ғамангези ӯ сӯйи як манзараи даҳшатоваре дӯхта шуда буданд. Писари ин зан ҷон месупорид.  Ин модари Исо Марям буд ва ӯ дар назди ҳамон ҷое буд, ки Исоро ба салиб мехкӯб карда буданд.





Барои чӣ ин тавр рӯй дод? Чӣ тавр ҳаёти Исо, ки он қадар зебо сар шуда буд, акнун бо чунин даҳшат ба охир мерасад? Чӣ тавр Худо гузошт, ки Писараш ба салиб мехкӯб шуда, мурад? Наход Исо дар бораи Худаш хато карда бошад? Наход Худо мақсадашро иҷро карда натавониста бошад?



Не! Худо бой надод.
Исо ҳеҷ хатое накард.
Исо ҳамеша медонист,
ки Ӯ аз дасти бадкорон
ба қатл расонда
мешавад. Ҳатто вақте
ки Исо кӯдак буд,
пирамарди ба номи
Шимъӯн ба Марям гуфт,
ки мусибат меояд.



Якчанд
рӯз пеш аз
кушта шудани
Исо, як зан
омада, ба пойҳои
Ӯ атри қиммат рехт.
Шогирдони Исо инро
дида, гуфтанд: - “Ӯ
пулашро бар бод дода
истодааст”. Аммо Исо гуфт:
“Вай кори нағз кард, Маро барои
дафн тайёр кард”. Чӣ хел суханони аҷиб!

Баъд аз ин, Яҳудо, яке аз дувоздаҳ шогирдони Исо, розӣ шуд, ки бар ивази 30 тангаи нуқрагин Исоро ба дасти саркоҳинон фурӯшад.





Дар иди Писҳои яҳудиён, Исо бо шогирдони Худ хӯроки охиринашро хӯрд. Ӯ ба онҳо дар бораи Худо чизҳо нағз нақл кард ва гуфт, ки барои касоне, ки Худоро дӯст доранд чӣ ваъдаҳои беҳтарин Худо додааст. Баъд Исо ба онҳо нону косаи майдорро дод, ки ба якдигар тақсим карда хӯранд. Инро барои ёдгорӣ он кард, ки бадан ва хуни Исо барои бахшида шудани гуноҳҳо тақдим шуда буд.

Баъд Исо ба дӯстонаш гуфт, ки Ӯро мефурӯшанд ва ҳама гурехта меравад.  Петрус гуфт: “ман намегурезам”.  “Пеш аз он ки хурӯс се маротиба бонг занад, Маро рад хоҳӣ кард” - гуфт Исо.





Бевақтии ҳамон
шаб Исо дар
боғи Ҷатсамонӣ
дуо мегуфт.
Шогирдонеро, ки
бо Ӯ буданд, хоб
бурд. Исо гуфт:
“Эй Падари Ман,
ин косаро аз Ман
бигзарон, лекин
на хости Ман,
балки хости Ту
иҷро шавад”.

Ногаҳон як тӯда одамон бо роҳбарии Яҳудо ба боғ омаданд.  Исо ба онҳо муқобилат намекард, вале Петрус гӯши як мардеро бурид. Исо чизе нагуфта, ба гӯши он мард даст расонда, ӯро шифо дод.  Исо медонист, ки Ӯро дастгир мекунанд ва ин як қисми нақшаи Худо буд.



Он тӯдаи одамон Исоро гирифта, ба хонаи саркоҳин оварданд. Дар он ҷо роҳбарони яҳудӣ гуфтанд, ки Исо бояд кушта шавад. Петрус дар рӯйи ҳавлӣ назди хизматгорон нишаста, ба воқеаи шудаистода нигоҳ мекард.



Се бор одамон ба Петрус нигариста, гуфтанд: “Ту бо Исо будӣ!”  Се маротиба Петрус ин суханонро рад кард, ҳамон тавре ки Исо гуфта буд. Петрус ҳатто қасам хӯрд, ки Исоро намедонад.



# Қу-қа-ри-қу



Дарҳол хурӯс бонг зад.
Ин ба Петрус ба монанди
садо аз ҷониби Худо буд.
Суханони Исоро ба
хотираш оварда, ашки
сӯзон рехт.



Яҳудо низ ғамгин буд. Ӯ медонист, ки Исо ягон гуноҳ ё ҷиноят содир накарда буд. Яҳудо 30 тангаи нуқраро баргардондани шуд, аммо коҳинон онро қабул накарданд. Яҳудо тангаҳоро партофта, берун рафт ва худро овехта, мурд.



Коҳинон Исоро ба назди Пилотус, ҳокими румӣ оварданд. Пилотус гуфт: “Дар ин одам ҳеҷ айбе намеёбам”.

Аммо анбӯҳи одамон ҳанӯз ҳам фарёд мезаданд: “Ӯро мехкӯб кунед! Ӯро мехкӯб кунед!”

Ниҳоят Пилотус розӣ шуд ва ҳукм баровард, ки Исоро ба салиб мехкӯб карда, кушанд. Сарбозон бо найза Исоро заданд, ба рӯяш туф карда, Ӯро дашном медоданд. Онҳо бо хорҳои тез тоҷ сохта, ба сари Ӯ бераҳмона пӯшониданд. Баъд бо меххо Ӯро ба салиби чӯбин заданд,
ки бимирад.





Исо ҳама вақт медонист, ки чӣ тавр мемирад. Исо ҳамчунин медонист, ки марги Ӯ ба гуноҳкороне, ки ба Ӯ имон меоваранд, бахшиш меорад.  Аз ду тарафи Исо ду ҷинояткоре ба салибҳо мехкӯб шуда буданд.  Яке ба Исо имон овард ва ба биҳишт рафт. Дигаре имон наовард.



Баъд аз соатҳои ранҷу азоб
Исо гуфт: “Иҷро шуд” ва
ҷон дод.  Кори Ӯ анҷом
ёфт.  Дӯстонаш Ӯро
дар қабри як
шахсе дафн
карданд.



Сипас сарбозони румӣ ба қабр мӯҳр зада, посбон гузоштанд ва касе ба онҷо на дохил шуда метавонисту на аз онҷо баромада метавонист.



Агар ин воқеъа дар ҳамин ҷо ба поён мерасид, воқеаи ғамгин мешуд.  Аммо Худо як коре аҷибе кард.  Исо дар чанголи марг намонд!



Субҳидами рӯзи аввали ҳафта, баъзе аз шогирдони Исо ба қабр омада, диданд, ки санги даҳони қабр ба як тараф ғелзанонда шудааст.  Дар дохили қабр онҳо ҷасади Исоро надиданд.



Як зан дар назди қабр истода, гиря мекард. Исо ба вай намоён шуд! Он зан хурсандона ба шогирдони Исо рафта, гуфт: “ИСО ЗИНДА АСТ! ВАЙ АЗ МАРГ БА ҲАЁТ БАРГАШТ!”





Дере нагузашта Исо ба назди шогирдонаш омада, ба онҳо дастони сӯрохшудаашро нишон дод. Ин рост буд. ИСО АЗ НАВ ЗИНДА АСТ! Вай Петрусро барои рад карданаш бахшид ва ба шогирдонаш гуфт, ки дар бораи Ӯ ба дигарон нақл кунанд. Баъд Ӯ ба ҷое, ки аз он омада буд, яъне ба Осмон баргашт.

Аввалин Иди Писхо

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Матто 26-28; Луқо 22-24;
Юҳанно 13-21 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба дохили ту омада дар ту зиндагӣ мекунад ва ту бо Ӯ то абад зиндагӣ мекунӣ.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16